# “Tajik state university of commerce”

# Course: *Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*

**Week 13:**

## Currency selection and settlement terms in Tajikistan's foreign trade

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Currency selection and settlement terms in Tajikistan's foreign trade

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НОМИ ФАН: ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНАИ КОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




**Ҳафтаи 13.**

**Интихоби асъор ва шартҳои ҳисобу китоб дар савдои хориҷаи Тоҷикистон**

***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1.Муқаддима**

Шартҳои ҳисобу китоб

Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фурӯши асъор

**2.Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Омӯзиши махсусиятҳои шартҳои ҳисобу китоб, аккредитив чун шакли ҳисобу китоб ва қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фурӯши асъор ба ҳисоб меравад.

# Шартҳои ҳисобу китоб

## Интихоб ва намуди асъор

**Интихоби асъор** бо он алоқаманд мебошад, ки иҷрои муътадили қарордод танҳо дар сурати дар он ба назар гирифта шудани механизми табдили асъори миллӣ ба асъори хориҷӣ ва қобилияти гардиши онҳо дар ҳудуди сарҳади давлати, ки интиқоли молу асъорро муайян мекунад, имконпазир аст.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Дар тиҷорати ҷаҳони се навъ (гурӯҳи) асъор фарқ карда мешавад:**

- Асъори озод бадалшаванда;
- Асъори қисман бадалшаванда;
- Асъори маҳдуд.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Асъори озод бадалшаванда** – асъорест, ки сарфи назар аз минтақаҳои табдили он ва намудҳои амалиет бемонеа ва бидуни маҳдудият ба асъори хориҷии дигар иваз карда мешавад. **Асъори озод бадалшавандаро** баъзан асъори устувор низ мегуянд.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Ба сифати асъори устувор** доллари ШМА, фунт стерлинги Англя, иенаи Япония, Евро ва франки Швесария дохил мешавад. Дар шароити муосир ин чор асъоре, ки метавонад, озодона барои баровардани эҳтиёҷоти мардум дар дилхоҳ мамлакатҳо хизмат намоянд. Зеро онҳо асъори озод бадалшавандае, мебошанд, ки онҳоро дар аксарияти мамлакатҳо бе ягон мамониятҳо қабул менамоянд ва барои харидори намудани маҳсулотҳо истифода менамоянд.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Асъори қисман бадалшаванда** - асъори миллии он кишварест, ки мутобиқи асноди меъерии он барои резидентҳо ва баъзе намудҳои амалиёти табдил маҳдудиятҳои асъорӣ муқарар карда шудаанд. Ингуна намуди асъор мисли асъори озод ивазшаванда ҳисоб намеёбад, зеро дар баъзе кишварҳо барои истифода намудани чунин асъор монеаъ ба вуҷуд меояд, зеро ин асъор ба намуди асъори қисман ивазшаванда дохил мегардад.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Асъори махдуд** - асъори миллиест, ки мутобиқи асноди меъёрии ҷори танҳо дар доираи як мамлакат амал карда, ба асъори хориҷи иваз карда намешавад.

Ғайр аз ин, дар баъзе ҳолатҳо зимни бастани қарордод истилоҳи “**асъори клиринги**” истифода мешавад.

Дар шароити муосир аксарияти кишварҳо кӯшиш менамоянд, ки дорои асъори озодбадалшаванда ё қисман бошанд, зеро талабот ба чунин намуди асъор зиёд мебошад.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Клиринг** - воҳиди асъори ҳисоббаробар куниест, ки танҳо дар шакли идеали (ҳисоб) дар сабти муҳосибавии амалиети бонки оид ба молу хизматрасонии мутақобила миёни кишварҳои аъзои ин созишнома пардохт вуҷуд дорад. Қарордодҳои савдои хориҷи бо истифодаи ин воҳиди ҳисобу китоб қарордодҳои (созишномахои) молрасонии мутақобила дар асоси клиринг номида мешавад.

# Шартҳои ҳисобу китоб

Ин гурӯҳи асъор асосан дар созишномаҳои байни кишварҳои аъзои Шӯрои Ҳамкории Иқтисоди истифода мешуд, ҳоло бошад, миёни давлатҳои ИДМ ва кишварҳои дигар истифода мешавад.

Дар кишварҳои Аврупо аз соли 1969 инҷониб шакли дигари воҳиди ҳисобу китоб истифода мешавад, ки ЭКЮ ном дорад. Мамлакатҳои Аврупои аз чунин шакли истифодабари асъор розӣ мебошанд, чунки низоми истифодабарии онҳо аз дигар намуди низомҳо ба куллӣ фарқ менамояд. Ҳангоми истифодабари онҳо ба ягон мушкилот дучор намегарданд.

# Шартҳои ҳисобу китоб

Ин воҳиди асъори ҳисобу китобест, ки аз ҷониби кишварҳои аъзои низоми асъори Аврупо истифода гардида асоси онро асъори ин кишварҳо ташкил медиҳад. Зеро дар ин кишварҳо бештар асъори озодбадалшаванда истифода мегарданд, ки онҳо метавонанд дилхоҳ намуди молу маҳсулотҳои гуногуни мамлакатҳои ҷаҳонро харидорӣ намоянд. Корхонаҳо низ кӯшиш менамоянд, ки бо чунин низом кар ва фаъолият намоянд.

# Шартҳои ҳисобу китоб

Азбаски асъори аксарияти кишварҳои мазкур озод бадалшаванда (устувор) мебошад, ЭКЮ устувории нисбиро нигоҳ медорад ва ин устувори онро барои анҷоми муомилоти тиҷорати дар кишварҳои зиёд муътабар месозад. Ҳамчуин бо чунин намуди низом онҳо метавонанд дар оянда ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гарданд, зеро чунин низом пайваста устувориро нигоҳ дошта метавонад, ки ин дар шароити муосир бисёр як омили хуб ба ҳисоб меравад.

# Шартҳои ҳисобу китоб

Дар қарордодҳои савдои хориҷи муайян намудани шартҳои ҳисобу китоб, яъне марҳилаи пардохти арзиши молро дар ҷараёни аз фурушанда ба харидор гузаштани он пешбини менамоянд.

Дар таҷриба се навъи пардохт истифода мешавад:

**нақдина,** вақте ки пардохт бо пули нақд ё аз тариқи бонк то лаҳзаи ба истеъмолгар супоридани мол ё дар лаҳзаи супоридани он ба амал бароварда мешавад;

# Шартҳои ҳисобу китоб

**пешпардохти пешаки,** вақте ки пардохт дар давоми муҳлати муайян то оғози молрасони ё санаи дар қарордод сабт гардида ба амал бароварда мешавад;

**кредит,** вақте ки пардохт пас аз гузаштани вақти муайяне ба амал бароварда мешавад, ки замони ба таъхир андохтани пардохт ҳисоб меёбад.

# Шартҳои ҳисобу китоб

Дар қарордод баъзан шаклҳои омехтаи пардохт истифода мешаванд, ки арзиши як қисми мол ба тариқи пешпардохт пардохта мешавад ва қисми дигари он кредит пешбини мешавад ё он ба аккредитив гузошта мешавад. Дар чунин ҳолатҳо метавонанд чунин намуди хизматрасониҳо муфид ба шумор раванд, зеро яке аз роҳҳои бартараф намудани монеаҳое, ки дар рафти хариду фурӯши маҳсулот бавуҷуд меоянд ба ҳамин тарз метавон ҳал намуд.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Шаклҳои ҳисобу китоб** низомҳои мушаххаси супоридани пардохт намудани хуҷҷатҳои бо мол ҳамроҳ фиристода шаванда ва асноди пардох мебошад. Дар қарордоди савдои хориҷи мумкин аст ду шакли нисбатан муҳимтари ҳисобу китоб муайян карда шавад. Чунин тарз сурат гирифтан ин пеш аз ҳама дар қарордод ё созишнома ба таври зарурӣ нишон додан ба шумор меравад, ки тибқи он ҳар ду тараф метавонанд, уҳдадориҳои базимма гузоштаашонро ба пуррагӣ иҷро намоянд.

# Шартҳои ҳисобу китоб

**Маблағгузаронии бонкӣ** шакли ҳисобу китобест, ки мутобиқи он маблағ бо роҳи додани супориши пардохт ё чеки аз бонки хизматрасони харидор ба бонки фурушанда ирсолшаванда гузаронида мешавад. Ҳоло бо мақсади кӯтоҳ кардани мӯҳлати пардохт аз ҷониби бонкҳои асосии ҷаҳон низоми СВИФТ бунёд гадидааст. Мақсади асосии бунёди чунин намуди низом ин пеш аз ҳама осон намудани амалиётҳо ба шумор меравад.

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

Дар тиҷорати байналхалки аккредетивҳои зерин истифода мешавад:

**Бозхондшаванда** – чунин навъи аккредетивест, ки ҳеҷ гуна ӯҳдадории ҳуқуқиро ба миён наоварда, метавонад бидуни огоҳ сохтани фурушанда тағир дода шавад ё бозхонда шавад, дар ҳолати ба мувофиқа нарасидани тарафҳо метавонад чунин ҳолат ба миён ояд;

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

Дар тиҷорати байналхалки аккредетивҳои зерин истифода мешавад:

**Бозхонданашаванда** - ин ӯҳдадории қатъии бонкӣ хизматрасони харидор дар назди фурушанда мебошад. Онро ягон тараф то гузаштани муҳлат бекор карда наметавонад. Зеро чунин ҳолатҳо пурра бо нишон додани тамоми паҳлуҳои фаъолияти ду тараф дарҷ гардидаанд ва тарафҳо наметавонанд, ки онро бекор созанд.

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

**Интиқоли (гузаронидашаванда)** навъи аккредетиве мебошад, ки ба фурушанда барои додани дастур ба бонк дар мавриди ба ашхоси дигар гузаронидани аккредетив ё бо пултаъминкунии таҳвилгарони ғайри расмӣ аз ҳисоби маблағҳои ин аккредетив (ивваз кардани нишонаи ирсоли маблағ) ҳуқуқ медиҳад инро баъзан «трансфорабене» меноманд:

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

**Револвери** – аккредетиви доимо барқароршаванда мебошад, ки дар доираи маблағи дар он муқарар гардида ҳангоми молрасонии дарозмудат истифода намудан мумкин аст. Чунин намуди шартҳо имконият медиҳад, ки тарафҳо ба муддати тулони фаъолиятҳои хешро ба роҳ монанд, зеро тибқи ин намуди шарт ҳама вакт активҳо барқароршавандаанд ва дар доираи маблағҳои муайян метавон онҳоро дуруст ва самаранок истифода намуд.

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

**Инкассо** харидор ба бонки хизматрасон супориш медиҳад, ки дар сурати мавҷуд будани тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар хусуси моли таҳвилшаванда ё дар ҳолати воқеан супоридани онҳо маблағи фурушро ба расмият дарорад. Дар ҳолати дуруст ба расмият даровардани тамоми ҳуҷҷатҳо харидор тибқи шартномаҳои баимзо расонида шуда маблағҳои заруриро пардохт менамояд.

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

**Чеки ордерӣ** мумкин аст ба ҷои пулгузаронии бонки истифода шавад дар ин ҳолат бонки хизматрасони харидор ба номи фурушанда чек навишта медиҳад. Дар ин навъи хариду фурӯш тарафҳо кӯшиш менамоянд, ки тариқи бонкҳо ё ба тариқи чекҳо сурат гиранд, зеро онҳо метавонанд, маблағҳои ба даст овардаашонро тариқи бонкҳо ба дилхоҳ ҷой интиқол намоянд. Чунин намуди шакл дуруст ва осон мебошад.

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

**Вексел** – санади қарз дар хусуси додани маблағи муайян аз номи як шахс ба шахси дигар бо зикри ҳатмии муҳлати пардохт: «ҳангоми тақдим», «дар муддати вақти зерин пас аз тартиб додан ё тақдими вексел» ва ғайра мебошад. Дар сурати тартиб додани санади қарз дар хусуси додани маблағ аз номи як тараф ба тарафи дигар ки дар он тамоми бандҳо нишон дода мешавад, зеро дар ҳолати набудани як ё якчанд банди дигар маблағ ба тарафи муайян дода намешавад.

# Аккредитив чун шакли ҳисобу китоб

Вексел муомилаи абстракти мебошад, ки дар он асоси моддии қарз зикр карда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо тарафҳо кӯшиш менамоянд, ки тамоми амалиётҳо бе қарз анҷом дода шаванд ва дар сурати пайдо гардидани чунин олатҳо баъдан санади қарз тартиб медиҳанд, ки дар он тамоми бандҳои мазкурро ба ин санад ворид мекунанд дар сурати розигии тарафҳо бадан маблағ тариқи қарздиҳи сурат мегирад.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Доду гирифти муносибатҳои асъорӣ ин аст, иваз карда шудани як асъор бо асъори дигар, ки дар асоси қурби муайяншудаи асъор амалӣ мегардад. Мутаносибияти қурби асъорҳо дар асоси котировка (нархгузорӣ ё нархнома) муайян карда мешавад. Барои иваз намудани асъор ё харидорӣ намудани маҳсулотҳои муайян онҳо метавонанд, аз тариқи асъорҳои ивазшаванда харидорӣ намоянд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Қурби асъор ба талаботу пешниҳодот алоқамандӣ дорад. Дар ташаккулёбии қурби асъор сиёсати иқтисодӣ ва ҳастии баланси пардохт низ таъсир мерасонад, дар бозори асъор қурби хариду фуруши асъор ҷорӣ шудааст. Яъне барои харидорӣ намудани дилхоҳ маҳсулот ҷониби тарафҳо аз асъорҳо истифода менамоянд ва онҳо ҳама вақт қурби асъоро нигоҳ ва назорат низ менамоянд, зеро дар сурати баланд ё паст гардидани қурби мазкур метавонад, дар фаъолияти онҳо манфиат ё зарар оварад.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

**Қурби хариди асъор** ин аст барои хариди воҳиди асъори хорича, воҳиди муайяни асъори миллӣ дода мешавад. Яке аз шартҳои муҳим дар харидорӣ намудани маҳсулот ин асъор ба шумор меравад, ки ҷониби тарафҳо пайваста барои қурби он марок зоҳир менамоянд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки барои харидорӣ намудан ё тариқӣ дигар намуди хизматрасонӣ аз молу маҳсулот бештар аз асъор истифода намоянд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

**Қурби фуруши асъор** бошад – фурушанда розӣ аст, ки воҳиди асъорро бо воҳиди асъори дигар иваз кунад. Дар аксарияти мамлакатҳо қурби фуруши асъор дар бонкҳо озодона сурат мегиранд, ки харидороне, ки асъорҳои қисман ивазшаванда доранд, метавонанд онҳоро бо асъори озод бадалшаванда иваз намоянд ва дар чораёни харидорӣ намудани маҳсулотҳо озодона истифода намоянд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

**Фарқияти хариду фуруши** қурби асъорро маржа (фарқияти байни фоиз, ки бонк бо он қарз медиҳад ва фоизе, ки ҳамзамон аз рӯи он супурдаҳоро (депозитҳоро) қабул менамояд. Ин тарзи муомилот бештар дар бонкҳо мавҷуд мебошанд ва онҳо бо фоиз муайян пардохт карда мешаванд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фурӯши асъор

**Маржа** тамоми харочотҳоро бозгардонида имкон медиҳад, ки бонк даромад кунад. Дар сураъти чунин ҳолатҳо бавуҷуд омадан бонк метавонад суди бештар ба даст оваранд. Аксарияти бонкҳо чунин намуди фаъолиятро ба роҳ монда аст, ки метавонад аз чунин намуди хизматрасониҳо фоида ба даст оваранд. Барои бадаст овардани фоида онҳо шартҳои доданро осон менамоянд, ки он харочотҳоеро ки анҷом додаанд, тавонанд аз он фоида ба даст оваранд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Дар муддати кӯтоҳ пайдо намудани даромади иловагиро «арбитраж» меноманд, ки бо усули харидани асъор аз як бозор ва фурӯхтани он дар бозори дигар пайдо мешавад. Арбитраж – миёнарав ё савдогар (шахсе, ки аз номи худаш ба ҳайси савдогар дар биржаи фондӣ амалиёт мегузаронад).

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Дар бозор фарқияти баланди фоизи асъорҳо низ мушоҳида мегардад, ки он амалиёти дифференсиалӣ (амалиётест, ки захираҳои молиявӣ ба он давлате, ки дар он ҷо фоизи баланди маблағгузориҳо ҷорӣ шудааст) фаҳмида мешавад. Ҳар як амале, ки фурӯшанда ва харидор анҷом медиҳанд, онҳо кушиш менамоянд, ки амалиётҳои худро тариқи фоизҳои муайяне, ки дар бонкҳо муайян гардидааст, анҷом диҳанд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Дар муносибатҳои молиявии бонкҳо амалиётҳои **опсионӣ** (қисми арзиши саҳмия, ки пардохта нашудааст) ҷорӣ шудааст. Ин амалиёт ба харидор имкон медиҳад, ки дар вақти пешаки муайяншуда миқдорӣ муайяни асъори хориҷиро бо қурби пешаки муайяншуда харида гирад.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Дар амалиёти бонкӣ **қурби асъори ҷории (хазина)** он хариду фурӯши асъор, ки дар айни замон ва ё дар тулии ду рӯзи фаъолияти бонкӣ амалӣ мегардад, васеъ истифода мешавад. Дар чуинин мавридҳо ҷонибҳо метавонанд озодона аз чунин намуди амлиётҳо ки дар давоми ду рӯз истифода мегарданд озодона истифода намоянд ва талаботҳои худро қонеъ намоянд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Қурби асъори таъҷилӣ (форвардӣ) бошад он қурби асъорест, ки барои амалиётҳоиояндаи асъорӣ муайян карда мешаванд. (Он қурби асъор, ки барои се моҳ ё ним сол муайян карда шудааст). Дар оянда чунин амалиётҳо ки зиёд суръат мегиранд чунин намуди қурб истифода мешаванд ва онҳо амалиётҳои ояндаеро ки суръат мегирад муайян менамоянд.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Хариду фуруши асъори хориҷа дар бозорҳои асъор одатан бо **шакли хазинавӣ** ё бо усули **пардохти накд** амалӣ мегардад. Ҳамагуна амалиётҳои хазинавӣ (ба таври таъҷилӣ ҳисоббаробаркунӣ) барои он ҷорӣ шудааст, ки харидор мехоҳад, ки асъори хориҷиро пайдо кунад то, ки аз ивазшавии қурби асъор зарар набинад.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Дар бозор таъчилии хариду фуруши асъор барои суғуртаи пардохтҳои берунаи бевосита ё портфели маблағгузориҳо бештар истифода мешаванд. Амалиётҳои молиявӣ дар байни фурушандаву харидор дар асоси созишнома ичро карда мешавад. Дар ин ҳолат муайянкунӣ ё дурнамои дигаршавии круби асъор муҳим ҳисобида мешавад.

# Қурби асъор, амалиётҳои асъорӣ ва хариду фуруши асъор

Барои муайянкунии қурби асъор баҳисобгирии талаботу пешниҳодот ва фарқияти фоизи байни асъорҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Қурби асъор дар муомилотҳои таъҷилӣ бо усули ба қурби хазинавии мукофотӣ (репорт) ва ё аз қурби хазинавӣ кам кардани дисконт (фоизе, ки дар вақти қайди вексил «васиқа» нигоҳ дошта мешавад) низ муайян карда мешавад.

# *Ҷамъбасти мавзуъ*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҳамгироии афзояндаи Тоҷикистон ба низоми тиҷорати байналмилалӣ, интихоби дурусти асъор ва тартиби ҳисоббаробаркунӣ дар муомилоти содироту воридотӣ асъорҳои устувори байналмилалӣ, аз қабили доллари ИМА евро, ва рубли русӣ васеъ истифода мешаванд.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Саидмуродов Л.Ҳ. Бизнеси байналхалқӣ: назария амалия ва одоб. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002
2. Вавилова Е.В., Бородулина Л.П. Международная торговля: Учебное пособие / Е.В. Вавилова, Л.П. Бородулина. – М.: Гардарики, 2006. Боби 7.
3. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати байналмилалӣ: Китоби даврсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2007. Саҳ 253